Хулосаи

роҳбари илмӣ Маҷидова Бибҳафиза ба кори таҳқиқотии унвонҷӯ Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон "Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити солими тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номазади илмҳои педагогӣ, аз рӯи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон ҳамчун мутахассиси соҳаи тандурустӣ ба кори илмӣ-таҳқиқотӣ ба тансиҳатӣ, чорабиниҳои пешгирии бемориҳо, таъмин намудани инкишофи равонию ҷисмонии кӯдакону наврасон таваҷҷуҳи хоса намудааст. Дар заминаи баҳисобгирии имконият, хусусиятҳои интишофи иқлию ҷисмонии хонандагони синфҳои ибтидоии МТМУ ба масъалаи таъсири муҳити таҳсилотӣ дар ташаккули тарзи ҳаёти солим самти кори илмӣ-таҳқиқотии худро пайгирӣ намуд.

Бояд қайд кард, синни хурди мактабӣ ва низоми таҳсилоти ибтидоӣ дар таълим, тарбия ва ва шаклгирии шахсияти хонандагон нақши муҳим дорад. Хусусиятҳои тарбия, таълим ва инкишофи хонандагони синфҳои ибтидоӣ таваҷҷуҳи олимони соҳаҳои тандурустӣ, иҷтимоӣ, психологӣ зиёд ба худ ҷалб намудааст. Дар навбати худ дигаркунии иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангию маънавии ҷомеа ва оила низ ба рушду такомули шахсияти кӯдакону наврасон таъсиргузор мебошанд. Ворид шудани онҳо ба фазои ягонаи таҳсилотӣ, гузаштан ба давраи таҳсилу тадриси мактабӣ ва доираи васеи муносибатҳои иҷтимоӣ мутобиқшавӣ ба муҳити нав, маҳорату малакаи бунёдӣ муоширату муносибатҳои байниҳамдигарӣ бо ҳамсолону омӯзгорон ва ғайраҳо талаб мекунад. Махсусан, афзоиши барбории таълимӣ, ки дар ин аём чун фаъолияти пешбаранда ва таъминкунандаи рушди ақлию зеҳнӣ, воситаи иҷтимоишавии хонандагони хурдсол мегарданд, зарурияти таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва тарбия намудани тарзи ҳаёти солимро талаб менамояд. Он аз волидону омӯзгорон ташкилу таъмин намудани реҷаи тақсимоти вақти барои тахсилу тадрис ва истироҳату фароғат хуроки серғизо риоя кардани меъёру талаботҳои гигиенӣ ва ғайраҳоро талаб менамояд.

Бо баробари дар сатҳи масъулиятшиносӣ дар ҳифзу барқарор намудани тандурустии хонандагони синфҳои ибтидоӣ Абдусамадзода Б. А. кушиш намуд заминаҳои назариявии таъмин намудани муҳити

тандурустиро дар зерхати накши он дар тарбия намудани тарзи ҳаёти солим дар МТМУ ҳамчун масъалаи педагогӣ таҳқиқу баррасӣ намояд. Дар ин раванд ӯ худро ҳамчун мутахассиси соҳаи худ бо баробари асосҳои илмӣ-назариявӣ роҳҳо ва воситаҳои таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва тарбия намудани тарзи ҳаёти солимро дар фаъолияти МТМУ омӯхта омилҳои таъсиррасон ба ин раванд (соматикӣ, физикӣ, психикӣ, ахлоқӣ) риоя намудан ба талаботҳои ба ҳаракатҳои муҳаррикӣ, пешгирии одатҳои бад, таъмини саривақтии иҷрои талаботҳои реҷаи рӯз, пешгирии бемориҳо зиёд кардани огоҳии волидон оид ба тандурустии фарзандон ва ғайраҳо таҳқиқу баррасӣ намудааст, ки кулли онҳо ба тарбия намудани тарзи ҳаёти солим мусоидат менамояд. Инчунин ба омодагии омӯзгорон ба таъмин намудани муҳити педагогӣ ва нақшагирии технологияи муҳити тандурустӣ диққати махсус дод.

Тадбиқ ва самарабахшии технологияи муҳити тандурустӣ дар МТМУ дар заминаҳои ташкилу баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ роҳандозӣ карда шудааст. Воридсозии технологияҳои муҳити тандурустӣ Абдусамадзода Б.А. талаботҳои “Барномаи миллии ташкили тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2020”-ро ба асос гирифта ҳадафи асосии он тарбия ва ташаккулдиҳии тарзи ҳаёти солим дар байни ҳамаи табақаҳои аҳолӣ, махсусан МТМУ аз он ҷумла дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ буд. Иҷрои ин амал ба муҳаққиқ имконият дод амсилаи намунавии ташкил ва тадбиқи муҳити тандурустиро баргузории чорабиниҳо дар ягонагӣ ва робитаҳои байниҳамдигарии мантиқӣ-маҷмӯӣ ташкил медиҳад. Барои амалигардонии амсилаи намунавии мазкур ҷадвали фаъолияти МТМУ-ро оид ба ҳифз ва тақвияти тандурустии хонаводагон таҳия карда шуд, дар он накши хонаводагон, омӯзгорон ва волидон дар ташаккули малакаҳои тарзи ҳаёти солим мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд.

Бояд қайд кард, ки бо мақсади аз ҷиҳати амалӣ асосноксозии амсилаи намунавӣ, ташкилу баргузории чорабиниҳо оид ба тасаввуротҳои хонандагон дар бораи тарзи ҳаёти солим натиҷагирӣ дар давалу диаграмма нишон дода шудаанд. Дар раванди натиҷагирӣ аз кори таҳқиқотӣ Абдусамадзода Б.А. кӯшиш кард ба ҷабҳаҳои психологии тарбияи тарзи ҳаёти солим махсусан ангезаҳои (мотиватсия) маърифатӣ ва иҷтимоӣ диққат диҳад.

Бо мақсади алоқаманд намудани корҳои озмоишии марҳилаи ташаккулдиҳанда ба чораёни кори таълиму тарбиявӣ банақшагирии

мавзуи дар ҳамкорӣ ба омӯзгорони синфҳои 3 барномаи махсуси таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим таҳия ва амалӣ карда шудаанд. Натиҷагирӣ аз корҳои таҳқиқотӣ, ки муҳаққиқ ба он хонандагону омӯзгорон ва волидони кӯдакони МТМУ пойгоҳиро фаро гирифта муҳити тандурустӣ ва тарбия намудани онҳо имконпазир ҳангоми ягонагии мақсаду вазифаҳо, шароиту имкониятҳо ва роҳу воситаҳои таъсиррасонии мақсаднокӣ дастаҷамъӣ. Хулосаҳо тавсияҳои психологию педагогии коркард ва пешниҳоднамуда метавонанд замина барои таҳқиқотҳои минбаъда ба табибон, психологҳо, педагогҳо ва омӯзгорон гардад. Натиҷаи он ба мазмун ва муҳтавои кори диссерататсионӣ мувофиқат менамояд.

Абдусамадзода Б.А. дар фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии худ сифатҳои шахсиятии суботкорӣ, қавииродагӣ, мустақилият, поквиҷдонӣ ва ҳушёрию зиракии касбии худро нишон дод.

Рисолаи диссертатсионии Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон дар мавзуи "Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити солими тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ" кори илмии таҳқиқотии баанҷомрасида буда, ба талаботҳои пешниҳоднамудаи бандҳои "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ" ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ аст. Диссертатсияи мазкур сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Роҳбари илмӣ
Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогири ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

Б. Маҷидова

Имзои профессор Б. Маҷидоваро тасдиқ мекунам
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

А. Мустафозода